**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзуи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқииислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Автореферати диссертатсияи** Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзуи «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳукуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои илми хукуқшиносӣ мавзуи нав ва мубрам буда, мундариҷа ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ аст.

Баъди соҳибихтиёр гардидани Ҷумхурии Тоҷикистон дигаргунсозиҳои ҷиддӣ бобати муносибатҳои ҳуқуқӣ якчанд барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида, амалӣ карда шудаанд, ки дар натиҷа барои ташаккул ва таҳкими ҳокимияти судӣ, иҷтимоёти судяҳо мусоидат намуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳокимияти судӣ адолати иҷтимоиро таъмин намуда, дар давлати демократию хуқуқбунёд, нуфузи он меафзояд. Чор барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳукуқӣ (барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021), ки қабул гардидаанд ба самаранокии фаъолияти судҳо, беҳ гардидани вазъи иҷтимоии судяҳо нақши муҳим гузоштаанд.

Муаллиф барои муваффақии таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаҳои муҳимро гузоштааст, аз қабили, таҳқиқ ва муайян намудани ташаккули ғояҳои пешбарандаи адолати судӣ тибқи афкору ақидаҳои таълимоти ҳуқуқӣ; муайян кардани заминаҳои иҷтимоӣ - ҳуқуқии ташаккули асосҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон; ҷустуҷӯ ва муайян кардани асосҳои иҷтимоӣ-хукуқии адолати судӣ дар таърихи ташаккули ҷомеа, имконияти эҳёи фарҳанги ғании миллӣ ва истифодаи онҳо дар ҳалли низоъ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ; таҳқиқ ва муайян намудани унсурҳои пешқадами иҷтимоӣ дар ташаккули асосҳои адолати судӣ дар замони

муосир ва омӯзиши имконияти истифода бурдани онҳо дар пешбурди судӣ ва ғайра, ки мухимияти таҳқиқоти мазкурро собит менамоянд ва дар асоси ин вазифаҳо муаллиф тавонистааст, мавзуи таҳқиқотро ҳамаҷониба муаян намояд ва пешниҳодҳои муфид низ ирсол намояд.

Муаалиф дуруст қайд менамояд, ки асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судиро коидаҳои мурофиавии судӣ дар амал таъмин менамояд ва дар ҳама зинаҳои мурофиаҳои судӣ принсипҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ амал мекунанд.

Такмил дода шудани асосҳои конститутсионии адолати судӣ, такмил додани қонунгузории миллӣ оид ба адолати судӣ яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии кишвар мебошад, ки бо мақсади такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ, ба шумор меравад ва ин масъалаҳо дар таҳқиқоти зикргардидаи муаллиф мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.–

Оид ба муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 9 мақолаи илмӣ, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо интишор гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб ва 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқот, муаллиф нуқтаи назари худро баён намуда, масъалаҳо баҳснокро ҷудо намуда, диққатро ба андешаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои хукукӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешниҳод намудааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили масъалаҳое иборатанд, ки муаллиф аз нуқтаи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ роҳҳои ташаккули заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарҳрезӣ намуда, таклифҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

Мебоист қайд кард, дарки назариявии проблемаҳои заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-хукукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути масъалаҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён овардааст, аҳаммияти таҳқиқоти рисолаи мазкурро собит месозад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода М.З. яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар илми хуқуқшиносии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба амалӣ намудани бандҳои 25-29, 39-42, 54-57-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Таҳлили ташаккул ва рушди заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар таҳқиқот имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида шудаанд, мақсаднокта р муайян карда шаванд.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба проблемаи заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиёти ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ муаллиф дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда аз назари ҳуқуқ, идеологияи ҳуқуқӣ ва ғайра ба хуби тавонистааст, ки аз ҷиҳати илмӣ, мафҳум ва моҳияти проблемаҳои назариявии ташаккули иҷтимоӣ-ҳуқуқиро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намояд ва дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба ин самт дар ҷомеа лозиманд, саҳмгузор бошад.

**Мебост қайд намуд, ки м**уаллиф бобати ташаккул ва ривоҷ ёфтани заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ пешниҳодҳо вобаста ба мукаммал гардидани ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ ирсол кардааст, ки ин албатта ҷиҳати таҳкими адолати иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Лек доир ба мукаммалгардонии ҳуқуқи маданӣ дар ин самт чизе пешниҳод нашудааст, ки ин барои пурмазмунтар гардидани таҳқиқот мусоидат менамуд.

Аммо эроди зикршуда ба мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия ва дараҷаи дараҷаи арзиши илмии он таъсир намерасонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои

мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсняи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарриз:**

Ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Судяи дараҷаи олии тахассусӣ, н.и.ҳ. Қодирзода Т.Қ.

Имзои "Т.Қ. Қодирзодаро" тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

« 12 » феврали 2025 с

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел: + 992 37 221 50 83, Факс: + 992 37 221 71 00